## ТАҚРИЗ

**ба рисолаи Шарифов Шӯхратҷон Ҷумъаевич дар мавзӯи “Таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии вилояти Хатлон (аз рӯи маводҳои минтақаи Кӯлоб) (солҳои 1991-2016)" аз роҳбари илмӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Абдуназаров Хушбахт.**

Рисолаи муҳаққиқ Шарифов Шӯхратҷон Ҷумъаевич ба яке аз ҷабҳаҳои таърихи Тоҷикистон яъне, ташаккулёбӣ ва рушди муассисаҳои маданӣ-равшанамоӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида шудааст. Рисола дар асоси сарчашмаҳои бойгонию адабиётҳо, инчунин бо маводҳои ҷорӣ, ки муҳаққиқ онҳоро ноҳия ба ноҳия ҷамъ оварда, хулосаҳои илмии худро баровардааст, таълиф шудааст. Дар рисола тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти фарҳангии вилоят хеле амиқ таҳлили худро ёфтааст. Муҳаққиқ кӯшидааст, ки ташаккули муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро дар шакли муқоисавӣ объективона баён намояд. Инчунин камбудӣ ва муваффақиятҳои ин муассисаҳоро ошкор карда, барои рушди ояндаи онҳо низ тавсияҳои судманди илмӣ додааст.

Ба андешаи мо, дар чунин шакл тадқиқ намудани проблема барои ояндабинии ин соҳа дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон хеле мубрам аст. Зеро таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии давраи Шӯравӣ бо талаботҳои нави дар шароити истиқлолият тақозаи ҳаёти муосири ҷамъияти Тоҷикистон мебошад. Муҳаққиқ тамоми маводҳои ҷамъовардаи хешро ҳаматарафа чуқур омӯхта ва таҳлил намуда, нақшаи рисоларо хеле хуб тартиб додааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, сарчашмаҳо ва адабиётҳои истифодашуда бо талаботҳои рисолаҳои номзадӣ сохта шудааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ хеле хуб баён шудааст. Таърихнигории мавзӯъ низ бо таҳлили таҳқиқотҳои муҳаққиқони

мухталифро дар бар мегирад. Муаллиф тавонистааст, ки асарҳои муҳаққиқонро, ки ба ин соҳа бахшида шудааст, давра ба давра аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил намудааст. Дар натиҷаи чунин таҳлилҳо муаллиф ақидаҳои нави хешро пешниҳод кардааст. Аз ин рӯ, гуфтан ҷоиз аст ки дар рисола бори аввал ба гардиши илмӣ маводҳои бойгонӣ ворид мегарданд, аз он ҷумла маводҳои бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, бахши фарҳанги минтақаи Кӯлоб ва бахшҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақа. Хусусиятҳои вазифавии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ муайян гардида, дар асоси муҳокимаронии вазъияти мушкил ба воқеа ва ҳодисаҳое, ки ба давраи таҳқиқотӣ тааллуқ доранд, холисона баҳогузорӣ карда мешавад. Инчунин дар натиҷаи қабули барномаҳои давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷараёнҳои асосии пешравиҳои минбаъда ва рушди муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақа дар аввали асри XXI муайян мегарданд.

Муаллиф дар давоми таҳқиқот дар пеши худ мақсад гузоштааст, ки таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро омӯхта, хусусиятҳои вазифавии онҳоро дар солҳои истиқлолият муайян намояд. Дар натиҷаи мақсади гузошташуда, вазифаҳои минбаъдаи тадқиқотии зеринро муайян гардидааст:

- тадқиқи таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар Тоҷикистони шӯравӣ;

- таҳлил намудани хусусият ва нақши муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар минтақаи мазкур дар пешрафти ҷамъият;

- муайян намудани хусусиятҳои фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи тадқиқотӣ;

- нишон додани вазъи муассисаҳои клубӣ, театрҳои халқӣ ва фаъолияти китобдорӣ ва осорхонаҳои минтақаи мазкур дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ;

- саҳми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар инкишофи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоб;

- таҳлил намудани дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталаб дар ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолият;

- муайян намудани тартиби тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақа;

Дар боби якум “Вазъияти муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии вилояти Хатлон дар давраи истиқлолият” аз се зербоб иборат буда, дар он ташакулёбии муассисаҳои фарҳангӣ, театрҳо, китобхонаҳо ва осорхонаҳо дар минтақаи Кӯлоб дар замони Ҳукумати Шӯравӣ оварда шудааст.

Дар зербоби якум “Аз таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар замони Ҳукумати Шӯравӣ”, клубҳо, мактабҳои аввали Шӯравӣ, чойхонаҳои сурх ва китобхонаҳое, ки дар ибтидои ҳокимияти Шӯравӣ ташкил ёфта, асоси рушди муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии минтақа гардида буд, таҳлил шудааст. Ғайр аз ин дар ин зербоб барои рушди ин муассисаҳо, хусусан ба китобхонаҳо кӯмаки дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва ҳатто дигар ҷумҳуриҳои бародарӣ низ дуруст қайд шудааст. Дар баробари ин хизматҳои шахсоне, ки барои ташкил намудани ин муассисаҳо, баҳогузорӣ шудааст.

Дар зербоби дуюм “Вазъи китобхонаҳо, осорхонаҳо ва театрҳои минтақа дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” қисмати китобхонаҳо, осорхонаҳо ва театрҳои минтақа дар давраҳои ҷанги шаҳрвандӣ оварда шудааст. Дар давраҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар натиҷаи душвориҳои иқтисодӣ қат гардидани фаъолияти ин муассисаҳо ва ҳатто вайроншавии иморатҳои онҳо низ шарҳ дода шудааст. Инчунин баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ, қабул шудани барномаҳои давлатӣ барои, аз нав барқароркунии ин муассисаҳо аз нуктаи назари илмӣ баёни худро ёфтааст.

Дар зербоби сеюм “Ҷалб намудани хунарҳои бадеии эҷодиёти халқ дар ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ–равшаннамоии минтақа” Эҷодиёти бадеии мардум ва санъати тасвирии тоҷикон ҳаёти ҳамарӯзаи

мардум, урфу одат ва анъанаҳо инъикос ёфтааст. Дар ин зербоб, саҳми ҳунармандони соҳаҳои гуногун, санъаткорони халқҳои минтақа, инчунин шахсоне, ки ба маърифат ва фарҳанг саҳми худашонро гузоштаанд ба мисолҳои ҷолиби диққат, дохил кардааст.

**Боби дуюм** "Инкишофи минбаъдаи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар минтақа" номбар шуда аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб, саҳми мақомотҳо дар ташкилёбӣ ва рушди муассисаҳои фарҳангӣ, иштироки муассисаҳо дар озмунҳо ва тайёр намудани мутахассисон дар ин муассисаҳо баён карда шудааст.

**Дар зербоби якум** "Саҳми Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимиятҳои маҳаллӣ дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақа", саҳми мақомотҳои иҷроияи ҳокимият барои барқарорсозӣ ва рушди муассисаҳои маданӣ равшанамоии вилоят, ҳаматарафа таҳлили худро ёфтааст.

**Дар зербоби дуюм,** "Рушди осорхонаҳо ва фароҳамсозии ҳифзи кулли объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ва сарватҳои фарҳангӣ дар минтақа", муаллиф, самтҳои асосии фаъолияти осорхонаҳо, омӯзиши таърихи ташкилёбӣ ва рушди онҳо, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаби таърихнигории муосири тоҷик аст, таҳлил кардааст. Инчунин дар ин зербоб таъсиси осорхонаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ дар минтақа дар даврони истиқлолият таҳлили илмии худро ёфтааст.

**Дар зербоби сеюм,** "Иштироки муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақа дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ", баргузории ҷашну ҷашнвораҳо, барномаҳои пурмӯҳтавои фарҳангию чорабиниҳои таърихӣ ва фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, ки яке аз рукнҳои сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд, таҳлил карда шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои умумии омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, муаллиф барои такмили минбаъдаи рушди муассисаҳо фарҳангии минтақа тавсияҳои судманд додааст. Мӯҳтавои асосии рисолаи озмоишӣ дар мақолаҳои

интишоршуда санҷида шуда, инчунин дар автореферат, ки ба мундариҷаи рисола комилан мувофиқ аст, қайд карда шудааст.

Рисолаи Шарифов Ш.Ҷ. тадқиқоти пурраи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тибқи "Низомномаи намунавии Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани унвонҳои номзадӣ ва докторӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ: Доктори илмҳои
таърих, профессор Абдуназаров Хушбахт
тел. 907 77 42 47
E-mail: doctor@abdunazarov.ru

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор
Абдуназаро Хушбахтро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷамшед А